**Тақризи**

*муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – "Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)". – Бохтар, 2020. - 197 с.*

*Миллати тоҷик, ки аз қадимтарин сокинони сарзамини густурдаи Хуросони Бузург аст, дар тӯли таърих фарзандони маъруферо аз шумори давлатмардон, сиёсатмадорон ва донишмандон ба тамаддуни ҷаҳонӣ тақдим намудааст. Аз миёни чунин ашхоси соҳибноми таърихи халқи тоҷик Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, маъруф ба Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ (1017-1018 – 14.10.1092) мебошад, ки ба ҳайси яке аз донишмандон ва сиёсатмадорони бузурги замони худ эътироф шудааст. Низомулмулк бо истеъдоди фавқулоддае, ки дошт, аз вазифаи дабирӣ то мақоми вазорат дар давлати Салҷуқиён расид ва бо фазилату хирад тавонист низоми давлатдории ниёгонаш - Сосониён ва Сомониёнро дар замони вазорати худ дар давлати туркони Салҷуқӣ татбиқ намояд. Омӯзиш ва таҳқиқу баррасии ҳаёту фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Низомулмулк хеле муҳим ва мубрам буда, ногузир таваҷҷуҳи аҳли илми ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб кардааст ва боиси аз ҷониби унвонҷӯ ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шудани рисолаи мазкур гардидаааст.*

*Мавзӯи таҳқиқотии Садриддини Айниддин бешак мубрам буда, дар заминаи маводи сарчашмаҳои муътамад ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.*

*Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.*

*Муҳимият, мубрамият ва арзиши баланди илмӣ доштани мавзӯи тадқиқотии мазкурро аз чанд ҷиҳат ва далелҳо метавон шарҳу маънидод ва асоснок намуд:*

*-якум, роҳи паймудаи Низомулмулк то ба дараҷаи баландтарин мансаби дарборӣ, яъне вазири дарбори Салчуқиён расидани ӯ бисёр ҷолиб ва омӯзанда*

*аст. Вай ҳангоми вазири Алпарслон ва Маликшоҳ буданаш, тавассути дониши фарогир ва кордонӣ тавонист тамоми умури ин давлати қаламраваш густурдаро ба ихтиёри худ гирад. Аз ин рӯ нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятиву сиёсии давлати Салҷуқиён меҳварӣ буда, дар асрҳои баъдӣ саҳми муҳимми ин ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори барҷаста,* борҳо мавриди таҳқиқи таърихнигорон қарор ёфтааст.

-*дуюм, Хоҷа Низомулмулк чун сиёсатмадори барҷаста ва олими нуктасанҷ бо таълифи рисолаи «Сиёсатнома» тавонист барои насли баъдӣ як ёдгории ҷовидонаро ба мерос гузорад. Оре, «Сиёсатнома» китобест, ки ҳадафи аслии онро тарғиби давлати ягонаи мутамарказ бо сарварии шоҳи одил ва вазири ботадбир ташкил медиҳад. Вай бо овардани ҳикоёти пандомӯз аз ҳаёти подшоҳону вазирони бузурги Сосониёну Сомониён ҳокимони асри хешро ҳидоят менамуд, ки дар ҳукумат кардан ва давлатдорӣ аз таҷрибаи гузаштагони мардумони муқимии ин сарзаминҳо, аз хирад ва тадбири оқилона кор гиранд. Тадбирҳо ва талошҳои Низомулмулк намунаи ибрате буд дар амалӣ шудани ин кори басо мушкил;*

-*сеюм, низомияҳои таъсиснамудаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ нахустин марказҳои таълимию илмии давлатии пешрафта, дорои низоми ягона ва ҷавобгӯ ба талаботи замон буданд. Бо таъсиси низомияҳо шуҳрати мадрасаҳои анъанавӣ, ки ба ашхоси алоҳида тааллуқ доштанд, аз байн рафт ва низомияҳо ба бузургтарин ва бонуфузтарин донишгоҳҳои асри XI ва баъди он ба ҳисоб рафта, ба макони гирд омадани донишмандон ва донишҷӯён аз гӯшаю канори кишварҳои исломӣ мубаддал гаштанд. Эътибори низомияҳо то ҷое буд, ки зери таъсири онҳо ашхоси маъруфи давр, аз ҷумла халифаи Аббосиён Мустансир (1226-1242) мадрасаҳои худро бо талқид аз онҳо таъсис намуд. Бузургтарин хидмати Низомулмулк ва низомияҳои ӯ дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳон, тибқи иқрори донишмандони ғарбӣ, бо пайравӣ аз низоми идорӣ ва таълимии онҳо нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо таъсис ёфтанд.*

*Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши*

*онро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тад*қиқотро *бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас. Тавонистааст, ки пояи сарчашмавии тадқиқотро асос карда,* ҷиҳати *методологӣ, назариявӣ, объект, предмет, хронологияи рисоларо ба ҳимоя пешниҳод намояд. Бо* ҳамин *арзиши илмӣ - амалии тадқиқоти худро субут кунад.*

*Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори аввал дар илми таърихи ватанӣ зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, чеҳраи ишон ҳамчун сиёсатмадор ва ходими бар*ҷастаи *фарҳангӣ тавсиф гардидааст. Гузашта аз ин, мақоми Низомулмулк дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати Салҷуқиён баён ёфта, асари маъруфи ӯ «Сиёсатнома» бо таҳлилу таҳқиқи мушаххас ва таъсири мадорис дар қаламрави Хуросони Бузург тавзеҳ шудааст. Таъсири низомия*ҳои Бағдод, *ба авҷ* гирифтани кӯшишҳои *таъсиси мадрасаҳо дар саросари ҷаҳони ислом ва таъсиси нахустин донишгоҳҳо дар Аврупо бо далелҳои муътамад нишон дода шудаанд.*

*Боби аввали диссертатсия - «Низомулмулк ходими бузурги давлатӣ ва фарҳангӣ» аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Низомулмулк-ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI» муаллиф дар бораи зиндагиномаи Низомулмулк маълумот дода, роҳи тайнамудаи ӯро аз айёми донишандӯзӣ дар шаҳрҳои Нишопур, Балх ва Исфаҳон, дафтардорӣ дар дастгоҳи давлати Ғазнавиён, хидмати дабирӣ дар даргоҳи Абӯалӣ ибни Шозон дар Балх, ки дар хидмати Салҷуқиён қарор дошт, то расидан ба мақоми вазири Алпарслони Салҷуқиро тавзеҳ медиҳад.*

*Муаллифи диссертатсия корҳои анҷомдодаи Низомулмулкро дар мақоми вазирӣ, бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ шарҳ дода, менависад, ки пешрафту дастовардҳои Салчуқиён чӣ дар умури дохилӣ ва чӣ дар сиёсати хориҷӣ, ҳам дар аҳди Алпарслон ва ҳам дар замони салтанати Маликшоҳ бо шарофати корҳои вазири ботадбир Низомулмулк, ки амалан идораи кулли кишварро аз Ҳалаб то Кошғар бар уҳда дошт, ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи сиёсати оқилонаи Низомулмулк тамоми қаламрави давлати*

*Салчуқиён дар аҳди Маликшоҳ тахти идории ягона қарор гирифт. Агарчи ӯ расман вазир ва ичрокунандаи амру фармонҳои султони Салчуқӣ буд, вале дар асл тамоми қаламрави бузурги ин давлатро мустақилона идора менамуд. Қудрати ӯ то ҳадде афзун буд, ки ҳатто фаъолияти дастгоҳи идории хилофати Аббосиёнро бо майлу иродаи худ мегардонд.*

*Дар зербоби дуюми боби аввал, ки «Нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хоричии Салчуқиён» унвон дорад, муаллиф уҳдабароёна хидмати сисолаи Низомулмулкро дар давлати қудратмандн Салчуқиён, ки тавонистааст сиёсати дохилию хоричии онро роҳандозӣ намояд, тавзеҳ медиҳад. Вай ҳангоми вазирии худ, ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар умури хоричӣ ислоҳоти чиддие гузаронида буд, ки чавобгӯ ба талаботи замона будааст.*

*Муаллифи диссертатсия дар ин зербоб қайд менамояд, ки Низомулмулк корро аз ислоҳоти девонҳо огоз кард. Дар ин давра девонҳо ва ё вазоратҳои садорат, истифо, ишроф, барид, арз, иқтоъ, тугро, қазо, авқоф, хосс ва мусодара фаъолият менамуданд. Низомулмулк доираи фаъолияти ҳар девонро мушаххас намуда, зери назорати қатъии хеш қарор дод, ки муаллифи диссертатсия дар бораи фаъолияти ин девонҳо бо такя ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти васеъ медиҳад.*

*Ба ақидаи унвончӯ, Низомулмулк нахустин мутафаккире мебошад, ки асосҳои сиёсию ахлоқии ду пояи муҳими давлати феодалӣ: салтанат ва вазоратро тарҳрезӣ кардааст, ки минбаъд ин консепсияи ӯро дигарон мавриди истифодаи васеъ қарор додаанд.*

*Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия «Сиёсатномаи»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ» муаллиф менигорад, ки Низомулмулки Тӯсӣ дар баробари ходими бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори тавоно будан, яке аз донишмандони саршиноси замони худ маҳсуб мешуд. Аз осори Низомулмулк китоби «Сиёсатнома» ва чанд мактуб боқӣ мондааст.*

*«Сиёсатнома» яке аз мероси бузурги фарҳангии асримиёнагии халқи точик ба ҳисоб меравад. Мутмаинан метавон гуфт, ки чун Низомулмулк*

*«Сиёсатнома»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта, ба Маликшоҳи Салҷуқӣ пешниҳод кард, бинобар ин метавон хулоса кард, ки: нахуст Маликшоҳи Салҷуқӣ бо забони тоҷикӣ-форсӣ ошноии комил доштааст ва дувум забони муоширати дарбори Салҷуқиён тоҷикӣ-форсӣ будааст. Насри китоб равону сода ва дилкаш ва холӣ аз печидагӣ буда, бо забони фасеҳ ва насри шево нигошта шудааст.*

*Боби дуюми диссертатсия «Низомияҳо – нахустин марказҳои таълимӣ ва илмӣ бо сохтори идории муназзам ва пешрафта» аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал «Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо» унвонҷӯй нахуст ҷугрофиёи Хуросони Бузургро дар асоси осори таърихӣ ва илмӣ мушаххас мекунад, ки он дар шимол аз Варорӯд: Суғду Хоразм то баҳри Хазар, дар самти ҷануб то биёбони Систон ва дар шарқ то кӯҳҳои Ҳиндукуш доман мегустарид.*

*Хуросони Бузург ҳамеша маркази илму дониш буд ва онро аз ин рӯ гаҳвораи илму дониш хондаанд, ки ин сарзамин аз аҳди бостон дар маҳди худ бузургтарин мардони илму хирадро парварид ва онҳо таъсири қобили мулоҳизае дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ гузоштанд. Таҳаввулоти фикрӣ ва ақлӣ ҳамеша дар дарозои таърих дар ин сарзамин новобаста аз авзои замон ба назар мерасад.*

*Муаллиф ба таърихи таъсиси мадрасаҳои билоди дигари ислом таваҷҷуҳ карда, менависад, ки он муассисаҳои таълимӣ хеле баъд аз Хуросони Бузург ба вуҷуд омадаанд. Барои тақвияти назари худ, унвонҷӯй таърихи таъсиси мадориси Хуросони Бузург ва дигар мамолики исломиро ба* қиёс овардааст: *Хуросони Бузург соли 907, Миср (Ҷомеъ-ул-азҳар) 971, Ироқ соли 1064, Шом соли 1097, Ҳиҷоз (Арабистон) соли 1183, Тунис соли 1249, Мағриб то соли 1286, Андалусия соли 1341.*

*Дар ин зербоб муаллиф аз мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд, Балх, Нишопур, Ғазна, Ҳирот, Пушанг, Бӯст, Марврӯд ва ғайра, ки аз ҷониби хирадмандони маъруф дар солҳои мухталиф таъсис ёфтаанд, ибрози назар карда, менависад, ки дар асри Х дар Самарқанд 17 мадраса, дар Хатлон 29, дар Нишопур зиёда аз 20 мадраса фаъолият доштанд. Дар ин мадрасаҳо асосан*

*олимони маъруф ба толибилмон дарс медоданд. Масалан, дар мадрасаҳои Самарқанд олимони маъруфе чун Абулқосим Ҳокими Самарқандӣ, Абӯмансур Муҳаммад Мотирудии Самарқандӣ, Абулайси Самарқандӣ ва дигарон масруфи тадрис буданд.*

*Дар зербоби дуюм «Низомияи Бағдод бузургтарин маркази таълимию илмии замони худ» муаллиф аз таъсиси низомияҳо, ки бо ташаббуси Низомулмулк дар қаламрави давлати Салҷуқиён ба вуҷуд омадаанд, ибрози назар мекунад.*

*Ба ақидаи унвонҷӯ, Низомияи Бағдод яке аз бузургтарин ва машҳуртарин мадрасаҳое буд, ки бо дастури Низомулмулк дар пойтахти хилофати Аббосиён ва яке аз марказҳои муҳимми сиёсӣ, илмӣ ва адабии ҷаҳони ислом дар он рӯзгор - шаҳри Бағдод бо барномаҳои бошукӯҳ ва бесобиқа таъсис гардид. Сохтмони бинои Низомияи Бағдод соли 1064 огоз ёфта, соли 1067 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.*

*Муаллиф дар ин зербоб оиди роҳбарият, ташкилот, усули идорию таълимӣ, хиради устодони маъруф ва шогирдони машҳур, шартҳои пазириши устодону шогирдон ва китбхонаи Низомияи Бағ*дод *маълумоти муфассал дода, ба натиҷае мерасад, ки Низомулмулк бо таъсиси Низомияи Бағдоду дигар низомияҳо, уламо ва рӯҳониятро тобеи давлат намуда, онҳоро ба мубаллигони салтанат мубаддал кардааст. Гузашта аз ин Низомулмулк бо таъсиси хонақоҳҳою масҷидҳою бемористонҳою ва дигар мададгоҳ*ҷойҳо *кӯшиши зиёд ба харҷ додааст, ки эътибори оммаро нисбат ба давлат ва дастгоҳи ҳокимияти мавҷ*уда *қавӣ гардрнад.*

*Дар зербоби сеюм, ки «Мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои баъдӣ» унвон дорад, муаллиф зикр мекунад, ки бо ташаббуси бевоситаи Низомулмулк гайр аз Низомияи маъруфи Бағдод дар дигар шаҳрҳои қаламрави Салчуқиён, мисли Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Харгӯрд, Мавсил ва гайра низ низомияҳо таъсис ёфтанд. Аз байни онҳо аввалтаринашон, ки пеш аз Низомияи Бағдод бунёд ёфта буд, Низомияи шаҳри Нишопур ба* ҳисоб мерафт. Ҳамоно *муаллиф дар бораи устодону шогирдони Низомияҳои номбурда маълумоти васеъ медиҳад. Нати*ҷаи

чашмдиди бурузи улуми илоҳӣ, бахусус мазҳаби шофейро муаллиф дар *таъсисёбию фаъолияти низомияҳои* қуруни *вустой, дидааст.* Ҳатто оғози *ҳаракати мадрасасозиҳои давлатию гайридавлатӣ, сохтмони нахустин донишгоҳҳоро дар Аврупо ва дар навбати худ маҳ*дуд кардани ибрози ақидаҳои демократию фалсафиро дар рушди низомияхо *мебинад.*

*Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.*

*Ба андешаи мо муаллифи диссертатсия бо мақ*сади дар пешмондааш муваффақ шуда аз уҳдаи кор баромадааст. Аммо ҳамчун маслиҳат хуб мебуд, ки баъзан навоқиси ҷой доштаю ба назар муаяни сохтори рисоларо ба инобат мегирифт:

*1.* *Оиди нақшаи кор*: "Низомияҳо-нахустин марказҳои таълимӣ ва илмӣ..." дурустаст, ки "бо сохтори идории муназзам ва пешрафта" пайваст шудааст. Хуб мешуд, ки бе калимаи нахустин, мутабоқӣ ҳама ҷо ба ҷо. Дар ин сурат мо гуфта метавонем, ки дар ҳаёти илмӣ-адабӣи аҷдодони тоҷик, қабл аз зуҳури салҷуқ ҳам макотибу мадорис арзи ҳастӣ доштаанду иддаи машҳурони ҷаҳониро фориғ кардаанд. Ҳатто китоб ал-ҷамъи "Саван ал-Ҳикмат"-у мактаби Абунасри Мансур ибни Арроқу, Академияи "Маъмун"-у бисёри дигарон дар қарни X ва ибтидои қарни XI нахустин набуданд.

*2. Зербоби якуми боби дуюм "Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо" ном гирифтааст. Хуб мешуд, ки "Аз таърихи таъсисёб*ӣ ва фаъолияти мадрасаҳои Хуросони Бузург*" номида мешуд. Зеро дар матн бештари таваҷ*ҷуҳ ба таърихи таъсис дода шудаасту дар ном не.

*3. Муаллиф зимни тавсифи шахсияти Низомулмулк аз сарчашмаҳ*ои таърихӣ пурра истифода накардааст.

*4. Дар рисола, баъзан такрори матлаб, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳ*талабанд.

*Бояд гуфт, ки навоқиси номбурда* ҳайсияти рисолаи таҳқиқшудаи мазкурро кам накарда, *арзиш ва аҳамияти онро аз чорчуба ба берун намебаранд.*

*Муаллиф мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст. Аз* ҳамин бармеояд, ки *диссертатсияи унвонҷӯ Садриддини Айниддин дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низомы идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» таҳқиқоти мустақилона, ва во*қеъбинона *буда, аз рӯи натиҷаҳои дарёфткардааш ба талаботи мукаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12,14,16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо* Қарори Ҳукумати *Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофи*қ буда, *муаллифи он Садриддини Айниддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.*

*Доктори илмҳои таърих,*
*профессори кафедраи фанҳои*
*гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи*
*кухӣ-металлургии Тоҷикистон* *Давлатов Муллошо*

*10.12.2020*
*Имзои д.и.т., профессор М.Давлатовро тасдиқ менамоям:*

*Сардори ШК –и Донишкадаи* *Муминова Д.М.*
*кухӣ-металлургии Тоҷикистон*

*Суроға: Вилояти Су*ғд, ш.Бустон, кӯчаи Маяковский 6,
*Инд. 735730. Тел. 927247812.*
mdavlatov1942@gmail.com